Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Закон Республики Таджикистан

ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряххоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захирахои об муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **глятсиология -** илм дар бораи омӯзиши яххои табиӣ дар сатҳи замин, атмосфера, гидросфера, литосфера, реҷа, ташаккул ва инкишофи онҳо;

2) **захираҳои барф ва ях** - манбаъҳои оби ҳама намудҳои барф ва яххо дар сатҳи замин, литосфера ва гидросфера;

3) **криосфера** - қитъаи сатҳи замини дорои захираҳои об дар шакли сахт ё аз ҳад хунук;

4) **кӯли пиряхӣ -** обанбори дар натиҷаи обшавии пирях ва (ё) қабатҳои барфӣ дар сатҳ ё қисми канории пирях бавуҷудомада;

5) **қабати устувори барфӣ** - қабати барфи тамоми зимистон ё фосилаи на кам аз як моҳ маҳфузмонда;

6) **маҷмуи пиряхҳо** - маҷмуи шаклҳои релефи дорои пиряххо ва таҳшинҳон пиряхӣ;

7) **минтақаи санитарии ҳифзи пиряхҳо** - худуди ҳамшафати пиряххо бо реҷаи махсуси муҳофизатии тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида;

8) **пирях** - ҳаҷми бузурги яхи табиии дар натиҷаи табдили боришоти сахти атмосферӣ бавуҷудомада;

9) **пиряхи набзӣ -** пиряхи дорои хусусияти дар натиҷаи лағжиши якдафъина ё мунтазам гузаштан аз ҳолати мувозина ба ҳолати ғайримувозина;

10) **пиряхшиносӣ** - ҷузъи таркибии илми глятсиология дар бораи омӯзиши ташаккулёбӣ, тағйирёбӣ, таркиб ва хосиятҳои физикии пиряххо;

11) **таркиби изотопии пирях** - маҷмуи унсурҳои ба ҳам монанди кимиёвии пиряхҳои дорои миқдор ва хосиятҳои физикии гуногун;

12) **Фехристи давлатии пиряхҳои Чумхурии Точикистон** – номгӯй, маълумоти тавсифӣ ва арзёбишуда оид ба холат, андоза, шаклҳои релефӣ, мавзеи ҷуғрофӣ, хусусиятҳои таркибӣ ва реҷавии пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13) **хати барфӣ -** хати муайянкунандай сарҳади бартарии ғуншавии боришоти сахти атмосферӣ нисбат ба обшавию бухоршавии барф дар охири давраи коҳишёбии он;

14) **ҳавзаҳон пиряхӣ** - ҳавзаҳои дар натиҷаи обшавии пиряххо бавуҷудомада;

15) **ҳифзи пиряххо** - маҷмуи талабот ва чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хочагидорӣ ба пиряххо, аз чумла омӯзиши қонуниятҳои тақсимоти боришот, қабати барф, ташаккулёбии тармаҳо, реҷаи обуҳавосанҷии пиряххо, манбаъҳои ташаккулёбии ҳавзаҳои обҷамъшавӣ, нишондиҳандаҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо;

16) **яхбастагии бисёрсола** - қабати болоии қишри замини дорои ҳарорати манфии ҷинсҳои кӯҳӣ, хок ва набудани обшавии такрорӣ.

### Моддаи 2. Қонунгузории Чумхурии Точикистон дар бораи хифзи пиряххо

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи пиряххо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

### Моддаи 3. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо

1. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқи ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангию маърифатиро дар бар мегирад.

2. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо ба ҳифз ва нигоҳдории пиряххо ҳамчун манбаъҳои стратегии захираҳои об барои манфиатҳои аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини тавозуни устувори экологӣ нигохдории макони зисти намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот ва ҳайвонот равона карда шудааст.

### Моддаи 4. Принсипҳои асосии хифзи пиряххо

Ҳифзи пиряххо ба принсипҳои асосии зерин асос меёбад:

1) афзалияти нигоҳ доштани системаҳои экологии ба пиряххо алоқаманд, баинобатгирии аҳаммияти стратегии пиряххо;

2) ошкорбаёнӣ ва шаффофият;

3) мутаносибии манфиатҳои ҷомеа ва тадбирҳои пешгирикунандаи хатари эҳтимолӣ ба коҳишёбии пиряххо;

4) ҳавасмандгардонии таҳқиқоти илмии пиряхшиносӣ.

**Моддаи 5. Ҳуқуқи моликият ба пиряххо ва Фонди ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Точикистон**

1. Пиряхҳо моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат хифзи онҳоро кафолат медихад.

2. Фонди ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои созмонхои байналмилалӣ, грантҳо ва маблағҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

## БОБИ 2 ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Моддаи 6. Вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряххо**

Вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряхҳо аз инҳо иборат мебошанд:

1) ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои хоҷагидор ва шахсони вокеӣ оид ба омӯзиш, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо;

2) ташкил ва таъмини фаъолияти шабакаи иттилоотии моҳворавӣ ва шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо бо мақсади ҷамъоварии иттилооти дахлдор, омӯзишу таҳлили он, таъмини саҳеҳӣ ва пуррагии пешгӯиҳо ва арзёбии вазъи захирахои барф, назорати раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи пиряхҳо;

3) омӯзиши пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхӣ бо мақсади муайян намудани вазъи онҳо;

4) таҳқиқи ҳавзаҳои пиряхӣ, қабатҳои барфӣ, аз ҷумла қабатҳои устувори онҳо, қитъаҳои азбайнрафтаи пиряхҳо ва хатҳои барфӣ;

5) ташкили корҳои экспедитсионӣ ва таҳқиқоти оид ба омӯзиши пиряхҳо ва захираҳои барф, фаромадани тармаҳо ва пешгирии обхезиҳо, инчунин реҷаи гидрологии обҳои пиряхӣ дар хавзаҳои обҷамъшавӣ ва кӯлҳои пиряхӣ;

6) тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони сохаи мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо;

7) таъмини мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бахши хусусӣ, инчунин аҳолӣ бо иттилоот дар бораи вазъи ҷорӣ ва дурнамои пиряхҳо.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

2) тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои оби пиряхҳо;

3) таъсиси Фонди хифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани тартиби истифодаи он;

4) ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, новобаста ба шакли моликият, оид ба ҳифзи пиряххо;

5) амалӣ намудани салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об мувофиқан мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифодаи захирахои оби пиряххо мебошанд.

2. Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дохил мешаванд;

1) татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба хифзи пиряххо;

2) таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряххо:

3) таҳия ва тасдиқи меъёрҳо, регламентҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи пиряххо, сифати об ва таркиби изотопии пиряххо;

4) мусоидат ба рушди шабакаҳои байналмилалии мушоҳидавии пиряххо, табодули байналмилалии иттилоот оид ба омӯзиш, мониторинг ва хифзи пиряххо;

5) пешгӯии эҳтимолияти фаромадани тарма ва обхезӣ, омода намудани пешниҳодҳо ҷихати гузарондани чорабиниҳои пешгирикунандаи офатҳои табиӣ ва таъмини ҳифзи пиряххо;

6) ташкил ва таъмини фаъолияти шабакаи иттилоотии моҳворавӣ ва шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо;

7) пешбурди Феҳристи давлатии пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи низоми бақайдгирии пиряххо ва захираҳои оби онҳо;

8) амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряххо;

9) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об дохил мешаванд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои оби аз пиряххо ҷоришаванда;

2) таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани хуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба истифодаи захираҳои оби аз пиряххо ҷоришаванда;

3) ташкил ва гузарондани баҳисобгирии давлатии истифодаи захираҳои оби аз пиряххо ҷоришаванда;

4) таҳия ва амалигардонии тадбирҳо оид ба пешгирии коҳишёбии захираҳои оби аз пиряххо ҷоришаванда;

5) амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи захираҳои оби аз пиряххо ҷоришаванда дар доираи ваколатҳои худ;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи пиряххо**

Ба ваколатхои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи пиряххо мансубанд;

1) иштирок дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо;

2) андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи пиряххо дар маҳал, иштирок дар татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряххо;

3) пешгирии фаъолияти худсаронаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки сабаби расонидани таъсири манфӣ ба пирях ва барфтӯдаҳо мегардад;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 10. Фаъолият дар минтақаҳои ҷойгиршавии пиряххо**

1. Дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряххо ҷойгир намудани иншооти истеҳсолии хатарнок ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, ки метавонад ба вазъи пиряххо таъсири номатлуб расонад, инчунин ҷойгир кардани маҳсулоти нафтӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, пеститсидҳо ва дигар моддаҳои зараровар манъ аст.

2. Пешбурди корҳои иктишофи геологӣ, коркард ва истихроҷи маъданҳои фоиданок, сохтмон ва ё истифодабарии иншооти зеризаминӣ дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряххо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Сайёҳии экологӣ ва варзишию кӯҳгардӣ, кӯҳнавардӣ, чорабиниҳои ҳарбӣ, инчунин гузарондани таҳқиқоти илмӣ дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряххо ва бевосита дар ҳудуди пиряххо вобаста ба фасли сол ва реҷаи махсуси дастрасӣ ба онҳо тибқи талаботи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, амалӣ карда мешаванд.

4. Фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари хилофи Қонуни мазкур амалишаванда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд, боздошт ё қать карда мешавад.

**Моддаи 11. Арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда ба пиряххо**

1. Арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда ба пиряхҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Гузарондани арзёбии таъсиррасонии фаолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда, ки метавонад ба вазъи пиряхҳо таъсири номатлуб расонад, хатмӣ мебошад.

3. Ҳуҷҷатхои арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаолияти дигар ба пиряхҳо хангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии фаъолияти банақшагирифташаванда омода ва барои хулоса ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Шахсони воқеӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаолияти дигар ба пиряхҳо иштирок намоянд.

## БОБИ 3. ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ВА МОНИТОРИНГИ ПИРЯХҲО

### Моддаи 12. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо

1. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо аз ҷониби муассисаҳои илмии таҳқиқотӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо самтҳои зеринро дар бар мегирад:

1) таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо, таҳия ва ҷорӣ намудани тамсилаҳои муосири таҳқиқоти назардошти таъсири тағйирёбии иқлим;

2) гузарондани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи пиряхшиносӣ ва криосфера, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии минтақавӣ ва байналмилалӣ;

3) муайян намудани меъёрҳои илмию методии омӯзиши пиряхҳо, инчунин ҳангоми татбиқи ин фаъолият дар шароити махсуси иқлимӣ;

4) амалӣ намудани фаъолият дар самтҳои дигари таҳқиқоти илмӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 13. Мониторинги пиряхҳо

1. Мониторинги пиряхҳо тавассути гузарондани мушоҳидаҳои дарозмуҳлати мачмуӣ, омӯзиш, арзёбӣ ва пешгӯӣ кардани ҳолати табиии пиряхҳо, тахлили раванди таъсири номатлуби тағйирёбии иқлим, таъсироти дигари физикӣ, кимиёвӣ ва биологии дорои омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба пиряхҳо, инчунин таъсири пиряхҳо ба муҳити зист ва омода кардани иттилооти дахлдор дар ин хусус амалӣ карда мешавад.

2. Мониторинги пиряхҳо самтҳои зеринро дар бар мегирад:

1) мушоҳидаи ҳолат ва қонуниятҳои тақсимоти боришот, қабатҳои барф , ташаккул ва паҳншавии пиряхҳо, накши онҳо дар таҳаввул ва пешгӯии тағйирёбии вазъи муҳити зист;

2) мушоҳидаи раванди таъсири омилҳои табиӣ, антропогени ва тағйирёбии иқлим ба маҷмуи пиряхҳо, аз ҷумла бо истифода аз технологияи рақамӣ, барномаҳо ва воситаҳои ченкунии махсус;

3) истифодаи низоми мониторинги кайҳонии пиряхҳо бо мақсади арзёбии кабатҳои барф, хаҷм ва обишавии онҳо;

4) мушоҳидаи ҳолати тармаҳои дар раванди обшавии пиряххо ва яхбастагиҳои бисёрсола бавуҷудомада.

**Моддаи 14. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряххо**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряххо бо мақсадҳои зерин истифода мешаванд:

1) таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряххо ва истифодаи захираҳои оби пиряххо;

2) пешгӯии вазъи муҳити зист ва ташаккули захираҳои об;

3) таҳияи харитаҳои фаврии барфтӯдаҳо, муайян намудани масоҳат ва сарҳади пиряххо, пешгӯии лағжиши пиряххои набзӣ ва фаромадани тармаҳо бо мақсади пешгирии окибатҳои номатлуби офатҳои табиии марбут ба онҳо;

4) таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба пешгирии таъсиррасонии антропогенӣ ба пиряххо ва қабатҳои барф, инчунин таъсири номатлуби обшавии босуръати пиряххо ва барфтудаҳо ба аҳолӣ, иқтисодиёт ва муҳити зист;

5) мақсадҳои дигари ба ҳифзи пиряххо равонашуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо**

1. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо маҷмуи нуқтаҳои доимӣ ва сайёр, аз ҷумла дидбонгоҳҳо, стансияҳо, расадхонаҳо ва озмоишгоҳҳо мебошанд, ки мушоҳидаи равандҳои ташаккул ва тағйирёбии вазъи пиряххо, барфтӯдаҳо ва яхбастагиҳои бисёрсола, захираҳои об, омӯзиши хусусиятҳои ландшафтию иқлимӣ, яхбандӣ, гидрологӣ ва гидрометеорологӣ, инчунин баҳисобгирии сифати об, таркиби изотопӣ, ҳолати санитарии пирях ва барфтӯдаҳоро дар бар мегирад.

2. Фаъолияти шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо барои гузарондани омӯзиш ва мониторинги онҳо ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард, омода намудани иттилоот ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намудани он равона карда мешавад.

3. Ташкили шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо, аз ҷумла яхбастагиҳои бисёрсола, қатъ намудани фаъолият ё иваз намудани мавзеи ҷойгиронии онҳо бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо қисми таркибии шабакаи давлатии мушоҳидавӣ дар соҳаи обуҳавошиносӣ мебошад.

5. Додани қитъаҳои замин барои ҷойгиронии нуқтаҳои шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряххо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш на мониторинги пиряххо**

1. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш на мониторинги пиряххо маҷмуи маълумоти ҷамъоваришуда, батартибдаровардашуда, мукаммалгардада на ҳуҷҷатгузоришуда оид ба вазъи пиряхҳо мебошад.

2. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш на мониторинги пиряххо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо ташкил карда мешавад.

3. Иттилоот аз махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**Моддаи 17. Пиряхҳои фаромарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазъи хукукии пиряхҳои фаромарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузарондани корҳои таҳқиқотию илмӣ, мониторинг, арзёбӣ ва ҳифзи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВИ

**Моддаи 18. Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо**

Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 19. Чавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш.Душанбе
3 январи соли 2024
№2026

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Закон Республики Таджикистан

## О ЗАЩИТЕ ЛЕДНИКОВ

Настоящий Закон определяет правовые, экономические организационные основы защиты ледников как объектов окружающей среды и стратегических источников водных ресурсов.

## ГЛАВА 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

### Статья 1. Основные понятия

В настоящем Законе используются следующие основные понятия:

1) **гляциология –** наука об изучении природных льдов на поверхности земли, атмосферы, гидросферы, литосферы, их режима, формирования и развития;

2) **снежно** – ледовые ресурсы источник вод во всех видах снега и льда на поверхности земли, в литосфере и гидросфере;

3) **криосфера** – участок поверхности земли, где вода находится в твердой или сильно переохлажденной форме;

4) **ледниковое озеро** – водоём, образованный тающим ледником и (или) снежной толщей на поверхности или в краевой части ледника;

5) **устойчивый покров снега** – снежный покров, который лежит в течение всей зимы или в интервале не менее одного месяца;

6) **ледниковый комплекс** – совокупность рельефных форм, включающих ледники и ледниковые отложения;

7) **санитарная зона защиты ледников** – прилегающие к ледникам территория с особым охраняемым режимом, установленным в порядке, предусмотренном законодательством Республики Таджикистан;

8) **ледник** – огромная масса природного льда, образовавшаяся в результате трансформации твёрдых атмосферных осадков;

9**) пульсирующий ледник** – ледник, которому свойственен переход от состояния равновесия к состоянию неравновесия в результате одноразового или регулярного скольжения;

10) **ледниковедение** – составная часть гляциологии, изучающая образование, изменение, состав и физические свойства ледников;

11) **изотопный состав ледника** – комплекс содержащихся в леднике похожих химических элементов, имеющих разную массу и физические свойства;

12) **Государственный реестр ледников Республики Таджикистан** – перечень, описательные и оцененные сведения о состояниях, размеров, рельефных форм, географического расположения, структурных и режимных особенностей ледников Республики Таджикистан;

13) **снеговая линия** – линия, определяющая уровень на земно поверхности, выше которого накопление твёрдыя атмосферных осадко преобладает над их таянием и испарением в конце периода абляции;

14**) ледниковые бассейны** – бассейны, образовавшиеся в результат таяния ледников;

15) **охрана ледников –** комплекс требований и мер по предотвращению ликвидации отрицательного воздействия хозяйственной деятельности на ледники, в том числе изучение закономерностей распределения осадков, слоёв снега, формирования снежных лавин, метеорологического режима ледников, источников формирования водосборных бассейнов, показателей влияния изменений климата на ледников;

16) **многолетняя мерзлота** – верхний слой земной коры, характеризирующийся отрицательной температурой горных пород, почв и отсутствием повторного протаивания.

**Статья 2. Законодательство Республики Таджикистан о защите ледников**

Законодательство Республики Таджикистан о защите ледников основывается на Конституции Республики Таджикистан и состоит из настоящего Закона, других нормативных правовых актов Республики Таджикистан, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

**Статья 3. Государственная политика по защите ледников**

1. Государственная политика по защите ледников включает комплекс правовых, организационных, экономических, социальных, научных и культурно-просветительских мер.

2. Государственная политика по защите ледников направлена на защиту и сохранение ледников как стратегических источников водных ресурсов на благо населения, отраслей экономики, обеспечение устойчивого экологического баланса, сохранение среды обитания редких и находящихся под угрозой исчезновения видов растительного и животного мира.

**Статья 4. Основные принципы защиты ледников**

Защита ледников основывается на следующих основных принципах:

1) приоритетность сохранения экологических систем, связанных с ледниками и принятие во внимание стратегическое значение ледников;

2) открытость и прозрачность;

3) соразмерность интересов общества и мер по предотвращению возможного риска сокращения ледников;

4) стимулирование научных исследований ледниковедения

### Статья 5. Право собственности на ледники и Фонд защиты ледников Республики Таджикистан

1. Ледники являются исключительной собственностью государства, и государство гарантирует их защиту.

2. Фонд защиты ледников Республики Таджикистан формируется за счет средств международных организаций, грантов и других средств, не запрещённых законодательством Республики Таджикистан.

## ГЛАВА 2. ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ЗАЩИТЫ ЛЕДНИКОВ

### Статья 6. Функции государственного регулирования защиты ледников

Функциями государственного регулирования защиты ледников являются:

1) координация деятельности государственных органов, научных учреждений, общественных объединений, субъектов хозяйствования и физических лиц по изучению, мониторингу и защите ледников;

2) организация и обеспечение деятельности информационных спутниковых сетей и государственных наблюдательных сетей ледников в целях сбора соответствующей информации, их изучения и анализа, обеспечения точности и полноты прогноза и оценки состояния снежных ресурсов, контроля процесса формирования и развития ледников;

3) изучение пульсирующих ледников и ледниковых озёр в целях определения их состояния;

4) исследование ледниковых бассейнов, снежных слоев, в том числе их устойчивых слоёв, исчезнувших участков ледников и снежных линий;

5) организация экспедиционных и исследовательских работ по изучению ледников и снежных ресурсов, сходу лавин и предотвращению наводнений, а также гидрологического режима ледниковых вод в водосборных участках и ледниковых озёрах;

6) подготовка и переподготовка специалистов в области мониторинга и защиты ледников;

7) обеспечение государственных органов, органов самоуправления посёлков и сёл, частного сектора, а также населения информацией о существующем и прогнозном состоянии ледников.

### Статья 7. Компетенция Правительства Республики Таджикистан по защите ледников

К компетенции Правительства Республики Таджикистан по защите ледников относятся:

1) ведение государственной политики по защите ледников;

2) утверждение документов стратегического планирования по защите ледников и использованию запасов воды в ледниках;

3) формирование Фонда защиты ледников Республики Таджикистии в определение порядка его использования;

4) координация деятельности министерств и ведомств, местных исполнительных органов государственной власти, организаций и учреждений независимо от форм собственности по защите ледников;

5) осуществление иных компетенций, предусмотренных законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 8. Полномочия уполномоченных государственных органов по защите ледников**

1. Уполномоченный государственный орган в области охраны окружающей среды и уполномоченный государственный орган в области регулирования использования водных ресурсов являются соответственно уполномоченным государственным органом по защите ледников и уполномоченным государственным органом по использованию водных ресурсов ледников.

2. К полномочиям уполномоченного государственного органа в области охраны окружающей среды относятся:

1) реализация государственной политики по защите ледников:

2) разработка и представление на утверждение в Правительство Республики Таджикистан документов стратегического планирования по защите ледников;

3) разработка и утверждение нормативов, технических регламентов и других нормативных документов по защите ледников, качеству воды и изотопному составу ледников;

4) содействие развитию международных наблюдательных сетей ледников, международному обмену информацией по изучению, мониторингу и защите ледников;

5) прогнозирование вероятности схода лавин и наводнений, подготовка предложений в целях проведения мероприятий по предотвращению природных стихий и обеспечению защиты ледников;

6) организация и обеспечение деятельности информационных спутниковых сетей и государственных наблюдательных сетей ледников;

7) ведение Государственного реестра ледников Республики Таджикистан, разработка системы учёта ледников и их водных ресурсов;

8) осуществление международного сотрудничества и обеспечение выполнения международных обязательств Республики Таджикистан по защите ледников;

9) осуществление других полномочий, предусмотренных законодательством Республики Таджикистан.

3. К полномочиям уполномоченного государственного органа в области регулирования использования водных ресурсов относятся.

1) реализация государственной политики в области использования запасов воды, вытекающих из ледников;

2) разработка и представление на утверждение в Правительство Республики Таджикистан документов стратегического планирования по использованию запасов воды, вытекающих из ледников;

3) организация и проведение государственного учёта использования запасов воды, вытекающих из ледников;

4) разработка и осуществление мер по предупреждению уменьшения запасов воды, вытекающих из ледников;

5) осуществление международного сотрудничества по использованию запасов воды, вытекающих из ледников в рамках своих полномочий;

6) осуществление других полномочий, предусмотренных законодательством Республики Таджикистан.

**Статья: 9. Полномочия местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления поселков и сёл по защите ледников**

К полномочиям местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления поселков и сёл по защите ледников относятся:

1) участие в реализации государственной политики по защите ледников;

2) принятие мер по защите ледников на местах, участие в реализации документов стратегического планирования по защите ледников;

3) пресечение самовольной деятельности физических и юридических лиц, приводящей к нанесению отрицательного воздействия на ледники и сугробы;

4) осуществление других полномочий, предусмотренных законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 10. Деятельность в зонах расположения ледников**

1. В зонах санитарной защиты ледников запрещается размещение опасных производственных сооружений и ведение хозяйственной деятельности, которые могут негативно влиять на состояние ледников, а также размещение нефтепродуктов, производственных и потребительских отходов, использование химических веществ, пестицидов и других вредных веществ.

2. Ведение геологоразведочных работ, переработка и добыча полезных ископаемых, строительство или использование подземных сооружений в зонах санитарной защиты ледников осуществляются согласно требованиям законодательства Республики Таджикистан.

3. Экологический и горно-спортивный туризм, альпинизм, военные мероприятия, а также проведение научных исследований в зонах санитарной защиты ледников и непосредственно на территориях ледников осуществляются в зависимости от сезона и специального режима доступности к ним в соответствии с требованиями безопасности и защиты окружающей среды, определёнными законадательством Республики Таджикистан.

4. Хозяйственная и иная деятельность, противоречащая настоящему Закону, ограничивается, приностанавливается или запрещается установленном законодательством Республики Таджикистан порядке.

**Статья 11. Оценка воздействия планируемой хозяйственной и иной деятельности на ледники**

1. Оценка воздействия планируемой хозяйственной и иной запланированной деятельности на ледники проводится в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

2. Проведение оценки воздействия планируемой хозяйственной и иной деятельности, которая может негативно влиять на состояние ледников, является обязательным.

3. Документы оценки воздействия хозяйственной и иной деятельности на ледники подготавливаются при разработке проектов документов запланированной деятельности и предоставляются для заключения государственной экологической экспертизе.

4. Физические лица и общественные объединения имеют право принимать участие в процессе оценки воздействия планируемой хозяйственной иной деятельности на ледники в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

## ГЛАВА 3. НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ И МОНИТОРИНГ ЛЕДНИКОВ

**Статья 12. Научные исследования ледников**

1. Научные исследования ледников осуществляются научно – исследовательскими учреждениями.

2. Научные исследования ледников включают следующие направления:

1) фундаментальные научные исследования по изучению ледников, разработка и внедрение современных моделей о ледниках, в том числе с учётом влияния изменения климата;

2) проведение научно – исследовательских работ в области ледниковедения и криосферы, в том числе в сотрудничестве с региональными и международными научными учреждениями;

3) определение научно – методических норм изучения ледников, а также при осуществлении этой деятельности в особых климатических условиях;

4) осуществление деятельности в других направлениях научных исследований соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 13. Мониторинг ледников**

Мониторинг ледников проводится путём проведения комплексного многолетнего наблюдения, изучения оценки и прогнозирование естественного состояния ледников, анализа процесса негативного воздействия изменения климата, других физических

химическия и биологических воздействий, происходящих в результате воздействия природных и антропогенных факторов, а также влияние ледников на окружающую среду и подготовки соответствующей информации об этом.

2. Мониторинг ледников включает следующие направления:

1) наблюдение за состоянием и закономерностями распределения осадков, снежных слоёв, формирование и распространение ледников, их роль в развитии и прогнозировании изменения окружающей среды;

2) наблюдение за процессом влияния природных, антропогенных факторов и изменение климата на комплекс ледников, в том числе с использованием цифровых технологий, специальных программ и средств измерения;

3) использование системы космического мониторинга ледников в целях оценки слоёв снега, их размера и таяния;

4) наблюдение за состоянием лавин, происходящих в процессе таяния ледников и многолетней мерзлоты.

**Статья 14. Использование результатов научных исследований по ледниковедению и мониторинга ледников**

Результаты научных исследований по ледниковедению и мониторинга ледников используются в следующих целях:

1) разработка и реализация документов стратегического планирования защиты ледников и использования водных ресурсов ледников;

2) прогнозирование состояния окружающей среды формирования водных ресурсов;

3) разработка оперативных карт снегопадов, определение площади и границы ледников, прогнозирование схода пульсирующих ледников и схода лавин с целью предотвращения нежелательных последствий связанных с ними стихийных бедствий;

4) разработка и представление рекомендаций по предотвращению антропогенного воздействия на ледники и снежные покровы, а также негативного воздействия быстрого таяния ледников и снега на население, экономику и окружающую среду;

5) иные цели, направленные на защиту ледников, в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 15. Государственная наблюдательная сеть ледников**

1. Государственная наблюдательная сеть ледников включает комплекс постоянных и передвижных точек, в том числе постов, станций, обсерваторий и лабораторий, занимающихся наблюдением за формированием и изменениями состояния ледников, сугробов и многолетней мерзлоты, водных ресурсов, изучение ландшафтных и климатических, гидрологических и гидрометеорологических особенностей, а также учёт качества воды, изотопного состава, санитарного состояния ледников и сугробов.

2. Деятельность государственной наблюдательной сети ледников направлена на проведение их изучения и мониторинга в целях сбора, анализа, обработки, подготовки информации и её предоставления в соответствующие государственные органы.

3. Организация государственной наблюдательной сети ледников, в том числе многолетней мерзлоты, прекращение деятельности или изменения мест их размещения осуществляются в порядке, определённом Правительством Республики Таджикистан.

4 Государственная наблюдательная сеть ледников является составной частью государственной гидрометеорологической сети Республики Таджикистан.

5. Предоставление земельных участков для размещения точек государственной наблюдательной сети ледников осуществляется в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 16. База данных об изучении и мониторинге ледников**

1. База данных об изучении и мониторинге ледников это комплекс собранных, упорядоченных, дополненных и документированных сведений о состоянии ледников.

2. База данных об изучении и мониторинге ледников создаётся уполномоченными государственными органами в области защиты ледников.

3. Информация из базы данных об изучении и мониторинге ледников предоставляется в соответствии законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 17. Трансграничные ледники Республики Таджикистан**

Правовой статус трансграничных ледников Республики Таджикистан, проведение научно – исследовательских работ, мониторинга, оценки и их защита устанавливаются в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан международными соглашениями Республики Таджикистан.

## ГЛАВА 4. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

**Статья 18. Международное сотрудничество по защите ледников**

Международное сотрудничество по защите ледников осуществляется в соответствии законодательством Республики Таджикистан и международными правовыми актами, признанными Таджикистаном.

**Статья 19. Ответственность за несоблюдение требований настоящего Закона**

Физические и юридические лица за несоблюдение требований настоящего Закона привлекаются к ответственности в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 20. Порядок введения в действие настоящего Закона**

Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

**Президент**

**Республики Таджикистан** **Эмомали Рахмон**

г.Душанбе

3 января 2024 года

№2026

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Закон Республики Таджикистан

Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи хифзи пиряххо»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қ а р о р м е к у н а д:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хифзи пиряххо» қабул карда шавад.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Мансурӣ

ш. Душанбе, 6 декабри соли 2023,

№ 1167